ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
«_05_» ___11___ соли 2022

# ХУЛОСАИ

**семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Рисолаи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ **Маҳмудзода Қумринисо Нурали** дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Маҳмудзода Қумринисо Нурали Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро соли 1992 аз рӯйи ихтисоси муаллими математика хатм кардааст. Аз соли 2020 дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият намудаистодааст.

**Роҳбари илмӣ:** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал мебошад.

**Семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар муҳокимаи рисола ба чунин хулоса омад**:

Мавзуи рисолаи илмӣ–таҳқиқотии **Маҳмудзода Қумринисо Нурали** ба яке аз масъалаҳои муҳим бахшида шуда, дар шароити кунунӣ коллеҷҳои тиббӣ кормандониояндаи соҳаи тиббӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд ва дар ин ҳол омӯзиши ҳамоҳанг ва мавзуни таълимоти фалсафӣ бо беҳтарин анъанаҳои таҳсилоти миёнаи махсус мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот** – таҳия ва асоснок кардани шароитҳои педагогӣ, ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Фарзияи пешниҳодшуда ва мақсади таҳқиқот вазифаҳои зеринро муайян карданд:

– муайян намудани принсипҳои асосии методологӣ ва назариявии такмили салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ;

– таҳия ва асоснок кардани принсипҳои консептуалии такмили салоҳияти касбӣ дар ҷараёни тайёр кардани мутахассисони ояндаи соҳаи тиб;

– дар асоси таҷриба ошкор намудан ва асоснок кардани шароити педагогии зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии салоҳияти касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ;

– дар асоси таҷриба муайян ва асоснок кардани амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз:

– нуқтаҳои асосии психология, педагогика ва фалсафаи гуманистӣ (Г.М. Андреева, П.В. Алексеев, Н.К. Гончаров, Э.К.Бистритский, Л.И.Божович, А.В. Луначарский, Н.К. Крупская, В.И. Шинкарук, В.Г. Платонов, В.А.Щербинин, В.С.Овчинников, Э.И.Моносзон ва дигарон);

– консепсияи такмили салоҳияти касбӣ (И.П. Смирнов, Н.Б. Пугачёва, В. А. Камелина, А. М. Новиков ва ғайра);

– таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи фарҳанги касбӣ ва ҷанбаҳои педагогии муносибати босалоҳият (Р.М. Рогова, Т.И. Ойзерман, И.Н. Сиземская, Б.Т. Лихачев, Н.У. Яричев, В. И. Ф. Абросимов, Л. С. Вигодский ва дигарон) иборат аст.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз инҳо иборат аст:

– пажуҳишҳои муосири назариявӣ, методҳо ва муҳтавои раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус (В. В. Краевский, А. В. Брушлинский, И. Г. Фомичева ва дигарон); методҳо ва самтҳои инкишофи салоҳияти донишҷӯён дар ҷараёни раванди таҳсилот (Р.А. Артсишевский, Л.Б. Ляуш, А.Г. Спиркин, Т.И.Ойзерман, В.И. Шинкарук ва дигарон);

– равиши ба шахсият нигаронидашуда дар робита ба раванди таҳсилот ва рушди шахсӣ (А.Г. Асмолов, М.Г. Ашманис, Е.В. Бордовская, Г.Е. Залесский, Н.В. Кузмина, Б.М. Теплов, А. Маслоу, В.С. Мухина, В.В. Сериков, Н.А. Менчинская, Е.Н. Шиянов ва дигарон);

– мафҳумҳои калидии технология ва методикаи таҳқиқот дар соҳаи педагогика (А.М. Новиков, Ю. К.Бабанский, М.Н. Скаткин, В. С. Илйин, В. И. Загвязинский).

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– консепсияи такмили салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус таҳия карда шуд, ки аз нигоҳи стратегияи

илмии татбиқи тадбирҳои педагогӣ ва ташкилӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таълимии муосири низоми таҳсилоти миёнаи махсус асоснокшуда мебошад;

– раванди такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҳамчун яке аз соҳаҳоиояндадори таҳқиқоти илмӣ дар педагогика, ки дорои ҷанбаи байнисоҳавӣ мебошад, таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

– амсилаи консептуалии такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти миёнаи тиббӣ пешниҳод гардид, ки имкон медиҳад фазои таҳсилотиро барои рушди касбии мутахассисониояндаи тиб мусоид созад;

– шароити педагогӣ барои такмили бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ зарур буда, дар амал ба тасвиб расида, ошкор ва асоснок шудааст.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар татбиқи амалии қисмати назариявии таҳияшуда аз инҳо иборат мебошад:

– имкониятҳои салоҳиятнокӣ ва ҷанбаҳои арзишии касби тиббӣ дар фанҳои гуногуни таълимӣ муайян карда шудаанд, ки ба ташаккули самтгириҳои арзишии онҳо дар мутахассисониояндаи соҳаи тиб мусоидат мекунанд;

– дар асоси озмоиши фикрӣ ва таҳлили назариявӣ, консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ пешниҳод карда мешавад;

– шароити педагогӣ ва асосноккунии таҷрибавӣ муяссар ва ба даст оварда шуданд, ки татбиқи самараноки салоҳиятҳои касбии донишҷӯёнро дар такмили савияи касбии онҳо имконпазир месозанд;

– технология ва амсилаи омодасозии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ба фаъолияти касбии оянда дар асоси салоҳиятҳои ташаккулёфта пешниҳод ва тасвиби таҷрибавӣ гирифта шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 номгӯй мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар 2 номгӯй мақолаҳои дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ батабърасида интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, 6–зербоб, хулосаҳо ва номгӯи адабиёт бо феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он бо матни Times New Roman Tj A4 ҳуруфчинишуда, 175 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

Боби якуми рисола – «**Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ**» ном дошта, аз зербобҳои зерин иборат мебошад: моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ; равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда, ҳамаҷониба таҳқиқ гардид.

Боби дуюми рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ **«Санҷиши озмоишии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ»** ном дошта, аз чунин бахшҳо иборат мебошад: Вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш; технологияи татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ; нишондиҳандаҳои рушди салоҳиятҳои касбии дониҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар рафти озмоиши гузаронидашуда.

Хулоса, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба талаботи муқаррар кардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгу мебошад.

Маводи нашркардаи унвонҷӯ мазмуни рисоларо пурра фаро мегиранд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**а) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд:**

[1-М]. Маҳмудзода Қ.Н. Моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ [Матн] /Қ.Н. Маҳмудзода // (ISSN 2222 – 9809). Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3(40) – Душанбе 2021. – С. 89 – 95.

[2-М]. Махмудзода К.Н. Формирование профессиональной компетентности будущих медиков среднего звена [Текст] / К.Н. Махмудзода// (ISSN 2617 – 5620) Вестник НИИ развития образования (педагогических наук и психологии) №4 (36) – Душанбе:. 2021. - С. 75-80.

[3-М]. Маҳмудзода Қ.Н. Равишҳои методологии таҳқиқи ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ / Қ.Н. Маҳмудзода// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3(40) – Душанбе 2021. – С. 82 – 89.

[4-М]. Маҳмудзода Қ.Н. Салоҳиятнокии касбӣ донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода //( ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ №4(29) – Кӯлоб 2022. – с. 76 – 83.

[5-М]. Маҳмудзода Қ.Н. Самаранокии татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни гузаронидани тадбирҳои таълимӣ - тарбиявӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода //( ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ №1(30) – Кӯлоб 2023. – с. 76 – 83.

b) **Мақолаҳо, фишурдаи мақолаҳое, ки ҳамчун маводи конфронсҳо ба чоп расидаанд.**

[6-М] Маҳмудзода Қ.Н. Ташаккули асосҳои методологии салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 80 – солагии н.и.п., дотсент Иброҳимов Грез “Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир”. Кӯлоб 2022. – С.202 – 207.

[7-М] Маҳмудзода Қ.Н. Чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ ва модели ташаккулёбии салоҳиятнокии касбии донишомӯзони коллеҷҳои тиббӣ [Матн] / Қ.Н. Маҳмудзода// Маводи конференсияи минтақавии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Роҳҳои беҳтар намудани сифати омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ” бахшида ба солҳои 2020 – 2040 - “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. Кӯлоб 2022. – С.230 – 234.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва муҳокимаи диссертатсия семинари илмӣ–методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Рисолаи унвонҷӯ Маҳмудзода Қ.Н. «**Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ**» кори бaанҷомрасида ҳисобида шавад.
2. Барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пас аз ислоҳ намудани камбудиҳо барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 5.11.2022 протоколи №6 омода гардидааст.

Раиси семинари илмӣ – методии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.п., дотсент,
Сардори Раёсати илм ва иноватсия Самариддинова З.Н.

**Муқарризон:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Иззатова М.И.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Иброҳимов Г.

Котиби семинари илмӣ –методии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калон: Сулаймонов У.И.

Имзоҳои Самариддинова З.Н., Иззатова М.И., Иброҳимов Г., Сулаймонов У.И. – ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.